# Аҳамият ва нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди таҳсилот

***Норова Моҳиситора***
*Донишҷӯи курси 3 факултети таълими ибтидоӣ*

***Ниёзова Сафия***
*Муаллимаи калони кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ*

**Анотатсия:** Донишҷӯи институти давлатии педагогии Термиз Дар мақолаи зерин дар бораи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди таҳсилот,усулҳои навовар ,омӯзгорони нав ва роҳҳои таълими инноватсионӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар бораи усулҳои фаъоли таълим сухан меравад.
Яке аз роҳҳои ташаккул ва татбиқи роҳҳои самараноки усули инноватсионии таълим мавҷудияти омӯзгорони навовар дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Таҳлили фаъолияти муаллимони синфьои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи маорифи ҷумҳурии мо омӯзгорони бисёре ҳастанд ки ихтисоси худро дӯст медоранд ва рӯз аз рӯз донишҳои худро сайқал дода, мустақилона фикр кардану фаъолият бурда метавонанд. Дар мақола мо муаллифон пешниҳод менамоем, ки барои мувофиқи талаботи замон гузаронидани дарс, усулҳои фаннӣ бояд бо технологияи нав ва воситаҳои нави техникӣ, видеопроекторҳо, намудҳои гуногуни воситаҳои таълимӣ ва ғайра таҷҳизонида шаванд. Ин имкон хоҳад дод, ки омӯзгорон усулҳои нави инноватсионии таълимро дар раванди он пурра татбиқ намоянд. Самтҳои системаи рушдёбандаи инноватсионӣ дар таълим ва тарбия, ки имрӯз бояд дар мактабҳои муосир самаранок истифода гардад, тариқи нақша -тасвир нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур самтҳои системаи рушдёбандаи ҷараёни таълим шарҳу тасниф дода шуда, имкониятҳои истифодаи технологияҳои зикргардидаи инноватсионӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ номбар гардидаанд . Дар натиҷаи пурмаҳсул истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим хонандагон бо майлу хоҳиши зиёд дар дарсҳо иштирок намуда хонандагони сустхони синф низ фаъол мегарданд

Дар замони муосир рушди босуръати техника ва технологияи имрӯза зиндагии башарро куллан тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард. Ҳамарӯза даҳҳо техникаҳои ҷадиди замонавӣ кашф ва ба истифода дода шуда, равишҳои корӣ оҳиста-оҳиста аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Дар ин раванд, кашфи компютер, ихтироъ ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои асри гузашта ба шумор меравад. Вале дар асри XXI ин раванд, яъне электронигардонӣ якбора бо суръати баланд рушд намуда, фаъолият ва зиндагии инсонро бамаротиб осону дигаргун сохт. Он ба инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири мусбӣ расонида, тараққӣ ёфтани соҳаро дар ҷаҳон хеле боло бурд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон, низ ҳамқадам бо давлатҳои дигари олам пайи тараққӣ ва рушдёбии соҳаи фавқ басо тадбирҳои муҳим андешида истодааст. Аз ин рӯ, бо роҳандозӣ гардидани барномаҳои мушаххаси давлатӣ онҳо сол аз сол ба натиҷаи дилхоҳу назаррас ноил мегарданд.Истифодаи васеи технологияҳои таълим дар раванди омӯзиш қобилиятҳои хонандагонро такомул дода, барои таълиму тарбияи мутахассис нақши муҳим мебозад. Ба омӯзгор лозим аст, ки ба инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагон низ эътибор зоҳир намояд, зеро он элементи зарурии машғулияти замонавӣ мебошад.

Аз дараҷаи фаъолнокии эҷодии хонандагон, самаранокии фаъолияти таълимӣ барои инкишофи тафаккур вобастагии калон дорад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанҳо имконият медиҳад, ки якрангии машғулиятҳо ва фаъолияти хонандагон бартараф карда шавад. Ба омӯзгорон лозим аст, ки имкониятҳои равонӣ педагогӣ, дидактикӣ, ташкилӣ ва технологии истифодабарии фанҳоро дар самти тахассус барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ омӯзанд ва тадқиқ намоянд, то ки таълими ин фанҳо мақсаднок гардад.Арзёбӣ ё баҳодиҳии натиҷаҳои истифодабарии усулҳои инноватсионии таълим дар донишгоҳ яке аз масъалаҳои муҳими имрӯза аст, ки нисбати дуруст ба роҳ мондани ин масъала роҳбарияти донишгоҳ ва бахши идоракунии сифати таҳсилот аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Зеро замони муосир водор менамояд, ки истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва баланд бардоштани донишу ҷаҳонбинии донишҷӯён тақозои замон аст.

Шароити имрӯзаи таҳсилоти олӣ аз омӯзгорон талаб менамояд, ки онҳо дар раванди дарс усулҳои гуногуни

таълимро истифода баранд, то маълумоти таълимӣ аз тарафи донишҷӯён ба осонӣ аз худ карда шаванд. Омӯзгоронро зарур аст, ки донишҷӯёнро барои худомӯзӣ кардан, озодона фикр ва дар гурӯҳ кор кардан, рушди тафаккур, баланд бардоштани масъулият ва дигар хусусиятҳои шахсии онҳоро такмил додан, корҳои бисёреро анҷом диҳанд. Барои ба мақсад расидан аз тарафи омӯзгор истифодаи усулҳои инноватсионӣ зарур аст. Усулҳои инноватсионӣ чунин усулҳои нав ҳастанд, ки онҳо аз тарафи мутахассисон дар вақтҳои охир коркард карда шудаанд ва вобаста аз фанҳои омӯхташаванда ба тариқи гуногун истифода мешаванд.

Инноватсия ин ягон навгонии оддӣ набуда, он навгониест, ки маҳсули низоми кории амалкунандаро зиёдтар мекунад. Аз ин ҷост, ки равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ин истифодаи усулҳои нав мебошад ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълимро таъмин мекунад. Вақтҳои охир дар раванди таълим чунин усулҳои инноватсионӣ истифода мешаванд: усулимуаммогузорӣ,усули нақшасозӣ , усули муаммогузорӣ ва кофтуковӣ , усули эҷодӣ , усули истифодаи технологияи информатсионӣ, маърӯза бо воситаҳои техникӣ ва ғайраҳо.

1. Методи муаммовӣ. Моҳияти методи муаммовӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар рафти дарс омӯзгор мақсад ва моҳияти мавзӯъро бо гузоштани муаммоҳои зинавӣ бо донишҷӯён муҳокима мекунад. Ӯ ба донишҷӯён мефаҳмонад, ки ҳалли муаммоҳои гузошташуда мақсади дарсро муайян ва равшан мегардонад. Дар ин ҳолат дар рафти дарс донишҷӯён муаммои гузоштаи омӯзгорро муҳокима мекунанд ва роҳи ҳалли муамморо зери назорати муаллим пешниҳод менамоянд. Пешниҳоди донишҷӯён дар навбати худ бо тамоми гурӯҳ муҳокима карда мешавад ва гурӯҳ метавонад ба хулосаи умумӣ ояд. Дар рафти истифодаи ин усул масъулияти донишҷӯён баланд мегардад ва онҳо мустақилона ҳалли масъаларо пешниҳод мекунанд. Дар ин ҳолат, омӯзгор нақши назоратчӣ танзимгарро иҷро мекунад ва фикри донишҷӯёнро ҷамъбаст менамояд.

2. Усули истифодаи нақшасозӣ .Ин усул асосан дар дарсҳои фанҳои дақиқ истифода мешаванд. Масалан, барои ҳал кардани масъала он ба зинаҳои муайян тақсим карда мешавад ва ҳалли он низ зина ба зина пайдарпай ба роҳ монда мешавад. Пайдарпайии амалҳо ба нақша гирифта мешавад ва амалҳо тибқи нақша пайдар пай ба роҳ монда мешавад. Дар умум масъала аз рӯи нақшаи сохташуда ҳал карда мешавад. Дар рафти истифодаи ин усул омӯзгор бо ҳамроҳии донишҷӯён нақшаи рафти ҳалли масъаларо месозад ва донишҷӯён масъаларо мустақилона ҳал мекунанд.
3. Усули муаммовӣ-ҷустуҷӯӣ. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки дар вақти ҳалли масъала омӯзгор муамморо мегузорад ва донишҷӯ муамморо фаҳмида, роҳи ҳалли онро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзгор бошад, рафти аз тарафи донишҷӯёнҳал кардани масъаларо назорат мекунад ва ба донишҷӯён маслиҳатҳои методии ҳал кардани масъаларо пешкаш мекунад. Муҳиммияти ин усул дар он аст, ки донишҷӯён бештар мустақилона роҳи ҳалли муамморо ҷустуҷӯ мекунанд. Истифодаи ин усул имконият медиҳад, ки донишҷӯён маҳорати худро дар ҳал кардани муаммоҳо бештар ба роҳ монанд. Омӯзгор дар охири дарс ба фаъолияти донишҷӯён баҳо гузошта, дарсро ҷамъбаст мекунад.
4. Усули эҷодӣ . Ин усули таълим асосан дар дарсҳои фанҳои махсус ба монанди забон ва адабиёт, рассомӣ, физика ва математика истифода мешавад. Дар рафти дарс муаллим чунин масъалаҳоро пешкаш мекунад, ки донишҷӯ онро бо имконияти эҷодиаш ҳал мекунад.
5. Усули истифодаи технологияҳои информатсионӣ. Усули истифодаи технологияи информатсионӣ дар вақтои охир яке аз усулҳое мебошад, ки омӯзгорон аз он васеъ истифода мебаранд. Усули нави истифодаи технологияҳои информатсионӣ – технологияи педагогии имрӯза аст, ки тавассути он гузаронидани дарсҳо дар сатҳи баланди методӣ ба роҳ монда шуданаш мумкин аст. Он ба омӯзгор имконият медиҳад, ки маводҳои бисёреро ба донишҷӯён нишон диҳад.

Масалан, сохтани презентатсияҳо, нақшаҳои мавзӯъ, расмҳои таърихӣ ва дигар аёниятҳо тавассути он дар вақти дарс ба донишҷӯён пешкаш карда шавад.
Ба ҳама маълум аст, ки дар ин самт истифодаи интернет дар раванди дарс тавассути технологияи информатсионӣ аҳамияти хоса дорад.
Инноватсия барои ҳар як фаъолияти касбии инсон зарур аст. Инноватсия худ аз худ ба вуҷуд намеояд, он натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони алоҳида ва тамоми гурӯҳҳо мебошад. Равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф имрӯз ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди иҷтимоӣ буда, ба талаботи асосии замон мубаддал гаштаанд. Инноватсия маънои навоварӣ, навигарӣ, тағйиротро дорад; инноватсия ҳамчун васила ва раванд ҷорӣ намудани чизи навро дар бар мегирад. Дар робита ба раванди педагогӣ навоварӣ маънои ба ҳадафҳо, мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои таълим ва тарбия ворид кардани усул ва услубҳои нав, ташкили фаъолияти муштараки муаллим ва донишҷӯро дорад .
Ҳадафи асосии технологияҳои инноватсионии таълим ин омода кардани толибилм барои зиндагӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мебошад. Моҳияти чунин омӯзишҳо дар самти раванди таълим ба нерӯи шахс ва татбиқи онҳо вобастагӣ дорад. Маориф боядмеханизмҳои навовариро таҳия кунад, роҳҳои эҷодии ҳалли мушкилоти ҳаётан муҳимро пайдо кунад ва дар табдили эҷодиёт ба меъёр ва шакли ҳастии инсон мусоидат намояд. Мақсади навоварӣ ин тағйироти сифатии шахсияти донишҷӯ дар муқоиса бо низоми анъанавии таълим мебошад. Ин тавассути ба фаъолияти касбӣ ворид кардани барномаҳои дидактикӣ ва таълимӣ, ки барои амалия номаълум ҳастанд, имконпазир мегардад. Бартараф кардани бӯҳрони педагогӣ ин мақсади асосии низоми навоварӣ дар таълим маҳсуб ёфта, инкишофи қобилияти ҳавасмандгардонии амалҳо, мустақилона истифода намудани иттилооти гирифташуда, ташаккули тафаккури ғайристандартии эҷодӣ, инкишофи кӯдакон тавассути қобилиятҳои табиии онҳо ба шумор меравconfiguration.
Беҳуда нест, ки роҳбари давлатамон  дар ҳамаи баромадҳои худ

пайваста таъкид менамоянд, ки "ҷавонон бояд аз дастовардҳои илму техникаи муосир бархурдор бошанд". Зимни ин бояд қайд намуд, ки барои бархурдоршавии ҷавонон аз технологияҳои муосир нақши омӯзгор хеле калон аст. Маҳз татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълим ба баландшавии диққати ҷавонон ба навгониҳои илмӣ таъсири баланд расонида, онҳоро бахри омӯзиш ва амаликунии инноватсияҳо ҳидоят менамояд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф ҳамчун таҷрибаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ, ки ба такомули ахлоқии инсон нигаронида шудааст, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он метавонад тағйирёбии ҳама намудҳои амалияи мавҷудаи ҷомеаро таъмин кунад.

Бо дарназардошти гузариш ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва ташаккули дониш, мутобиқати таҳсилот ба ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии ҳозира ва оянда танҳо дар сурате пайдо мешавад, ки агар навсозии он на танҳо ба навигариҳои ташкилӣ, балки дар бораи тағйирёбии моҳият - дар мундариҷа ва технологияҳои тайёр кардани кадрҳо ва омодасозии тадқиқоти илмӣ асос ёбад. Ҳамчун як муассисаи иҷтимоӣ, ки нерӯи зеҳнии кишварро такмил медиҳад, таълим бояд қобилияти пешрафти рушд, ҷавобгӯи манфиатҳои ҷомеа ва корфармои пуриқтидорро соҳиб бошад. Гузариш ба усулҳои интерактивии таълим ва технологияҳои воқеӣ манбаҳои назарраси телекоммуникатсияро талаб мекунад, ки метавонанд робитаи зарурии байни иштирокчиёни раванди таълим, дастгирии технологияҳои мултимедиавӣ, татбиқи баланди таҷҳизотителекоммуникатсионӣ ва маҷрои шабакаҳои интиқоли маълумотро таъмин намоянд .

Ҳангоми дарки моҳияти равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф ду масъалаи асосии педагогика мавҷуданд, ки он муаммои омӯхтан, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва проблемаи дар амалия татбиқ намудани дастовардҳои илми психологӣ ва педагогика ба ҳисоб меравнд .

Аз ин рӯ, мавзӯи инноватсия, мундариҷа ва механизмҳои равандҳои инноватсионӣ бояд дар самти омӯзиши ду раванди ба ҳам алоқаманд бошанд, ки то ҳол дар алоҳидагӣ баррасӣ мешаванд, яъне натиҷаи равандҳои инноватсионӣ бояд истифодаи навовариҳои ҳам

назариявӣ ва ҳам амалиро дар бар гирад.
Ҳамаи ин аҳамияти фаъолияти идоракуниро барои эҷод, таҳия
ва истифодаи навигариҳои педагогӣ таъкид мекунад. Аз ин рӯ, сухан
дар он аст, ки муаллим метавонад ҳамчун муаллиф, таҳиягар,
муҳаққиқ, истифодакунанда ва таблиғгари технологияҳо, назарияҳо
ва консепсияҳои нави педагогӣ баромад кунад. Идоракунии ин
раванд интихоби мақсаднок, баҳодиҳӣ ва истифодаи таҷрибаи
ҳамкорон ё ғояҳо ва усулҳои навро, ки илм дар фаъолияти худ
пешниҳод мекунад, таъмин менамояд.

Хулоса карда гӯйем истифодаи воситаҳои инноватсионӣ дар рушди таҳсилот мавқеи асосиро ишғол менамоянд.Зеро дарсе ,ки бо ёрии воситаҳои техникӣ, инноватсионӣ ва усулҳои фаъоли таълим гузаронида мешавад дар хотири хонандагон муддати дароз нигоҳ дошта мешавад.Клри омӯзгоронро низ осон менамояд акнун онҳо метавонанд дар давоми фаҳмонидани мавзӯъ аз ҳар гуна слайд видеороликҳо,аниматсияҳо истифода намуда дарсҳои худро шавқовар ва диққат ҷалбкунанда намоянд.Дар рӯзи имрӯза яке аз масъалаҳои муҳимтарин ин дарсҳоро дар шакли анъанавӣ не балки дар шакли ноанъанавӣ ташкил намуда хонандагони синфҳои ибтидоиро ба дарс шавқманд кунонда қобилияти шахсии онҳоро рӯ баровардан аст.Ҳар яки мо ӯҳдадор ҳастем барои таълиму тарбияи насли наврас ва ин вазифаро аз таҳти дил иҷро кунем

Адабиётҳои истифодашуда:

O’zbekiston Respublikasi Prezidentining 2019 yil 30 oktyabr “2030 yilgacha bo’lgan davrda O’zbekiston Respublikasining atrof-muhitni muhofaza qilish kontseptsiyasini tasdiqlash to’g’risida”gi Farmoni. //Qonun hujjatlari ma’lumotlari milliy bazasi (www.lex.uz), 2019 yil 31 oktabr

2. O’zbekiston Respublikasi Vazirlar Mahkamasining 2019 yil 27 maydagi 434-sonli qarori.//Qonun hujjatlari ma’lumotlari milliy bazasi (www.lex.uz), 2019 yil 28 may

3. Karimov I. A. O’zbekiston XXI asr bo’sag’asida: xavfsizlikka tahdid, barqarorlik shartlari va taraqqiyot kafolatlari.T., 1997, -110-133 b.

4. Mukhtarova L.A. Ways of formation of ecological culture in children of primary age // AJMR:Asian Journal of Multimensional Research Journal. Vol 10, Issue 4, April, 2021. - Pp 648-652. (Impact Factor 7.699).

5. Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG’ICH SINFLARDA RIVOJLANTIRUVCHI TA’LIM TEXNOLOGIYASIDAN FOYDALANISH IMKONIYATLARI. Апробация, (2), 93-94.

6. Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG'ICH TA‘LIM SAMARADORLIGINI OSHIRISHDA INNOVATSION TA'LIM TEXNOLOGIYALARINING O‘RNI. НАУЧНЫЙ ПОИСК В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ (pp. 119-120).
7. Mukhtarova, L. A. (2021). THE USE OF INNOVATIVE EDUCATIONAL TECHNOLOGIES IN THE FORMATION OF A CULTURE OF ENVIRONMENTAL SAFETY. Oriental renaissance: Innovative, educational, natural and social sciences, 1(10), 792-797.
8. Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2021). POSSIBILITIES OF AN INTEGRATIVE APPROACH TO THE FORMATION OF A CULTURE OF ENVIRONMENTAL SAFETY. European Scholar Journal, 2(11), 43-44.
9. Muxtarova, L. A. (2021). Ways of formation of ecological culture in children of primary age. Asian Journal Of Multidimensional Research, 10(4), 648-652.
10. Muxtarova, L. A. (2021). Use of multimedia technologies in the educational process. ACADEMICIA: An International Multidisciplinary Research Journal, 11(4), 1781-1785.
11. Мухтарова, Л. А. (2018). Пути Использования Возможностей Мультимедиа В Повышении Качества И Эффективности Уроков Чтения В Начальных Классах. Научные горизонты, (11-1), 247-252.
12. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие И Формирования Критического Мышления У Школьников Начальных Классах. Гуманитарный трактат, (24), 13-14.
13. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие творческого мышления у школьников начальных классов. Гуманитарный трактат, (24), 9-10.
14. Kulmuminov, U., & Mukhtarova, L. (2023). POSSIBILITIES OF CREATIVE THINKING AND ITS MANIFESTATION IN THE EDUCATIONAL PROCESS. Open Access Repository, 4(02), 81-84.
15. Abdimannabovna, M. L. (2022). Opportunities for an Interdisciplinary Integrated Approach to Improving the Culture of Environmental Safety. *Eurasian Scientific Herald*, *7*, 7-12.
16. Munzifa Tangirova, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). WAYS OF READING LITERACY DEVELOPMENT IN PRIMARY SCHOOL PUPLS. *European Scholar Journal*, *4*(2), 88-89. Retrieved from
17. Lobar Mukhtarova, & Shahnoza Isakova. (2023). METHODOLOGY OF SPEECH DEVELOPMENT OF VISUALLY IMPAIRED STUDENTS. *Academia Repository*, *4*(10), 360–371. Retrieved from
18. Mukhtarova Lobar Abdimannabovna, & Saidakhmatova Nafisa Soatmurod kizi. (2023). DEVELOPMENT OF READING UNDERSTANDING SKILLS IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS. *Academia Science Repository*, *4*(04), 18–22. Retrieved from

19. Nafisa Saidakhmatova, & Lobar Mukhtarova. (2023). THE SIGNIFICANCE OF A ARTWORK IN THE FORMATION OF LEARNING SKILLS. *Academia Science Repository*, *4*(04), 176–180. Retrieved from
20. Pardayeva Gulbahor Jalgashevna, & Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2023). PEDAGOGICAL POSSIBILITIES OF TEACHING NATURAL SCIENCES BASED ON STEAM TECHNOLOGY. *World Bulletin of Social Sciences*, *21*, 109-111. Retrieved from
21. Feruza RAKHMONOVA, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). THE ROLE AND SIGNIFICANCE OF FORMING A CULTURE OF READING IN PRIMARY EDUCATION. *European Scholar Journal*, *4*(3), 5-7. Retrieved from
22. Saodat MINGNOROVA, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). THE METHODOLOGY OF DEVELOPING THE CREATIVITY OF THE BEGINNING 1ST CLASS TEACHER WITH THE HELP OF ETHNOPEDAGOGY. *World Bulletin of Social Sciences*, *27*, 33-37. Retrieved from
23. Daminova Dilbar Melimurodovna, & Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2023). PEDAGOGICAL OPPORTUNITIES OF FORMING MATHEMATICAL LITERACY SKILLS OF PRIMARY SCHOOL PUPILS. *Open Access Repository*, *4*(3), 971–976.
24."Методикаи корҳои тарбияви дар синфҳои ибтидоӣ".Юнусов .Й , Лутфуллоев .М Тошкент – 2003
25. А Хайдаров. Инсон қамолоти ва ва миллий маънави қадриятлар. Т.: Мухаррир 2008. Й.
26.Х.Худойқулов, О.Холов. Тарбия ишлари методикаси, Ўқув қўлланма. – Тошкент.: Инновация-Зиё, 2020.
27. Абу Наср Форобий. Фозил одамлар шаҳри.. –Т.: А.Қодирий, 1963.-
28.Ollokulova F.U. VALUE RELATIONSHIPS IN YOUNG PEOPLE AND THE UNIQUENESS OF THEIR DECISION MAKING Teacher of the Department of Theory and Practical of Primary Education. ISSN: 2776-0979, Volume 3, Issue 9, Sep., 2022
28Nilufar BOYNAZAROVA. (2023). NATURE AND HUMAN HARMONY IN PERSONAL MORAL DEVELOPMENT. World Bulletin of Social Sciences, 27, 6-9. Retrieved from https://scholarexpress.net/index.php/wbss/article/view/3219